«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
____________Назарзода Х.Х.
«____» ____________соли 2023

Тақризи
муассисаи тақриздиҳанда ба рисолаи Рофиева Азиза Ҳамдамовна доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Рисолаи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқукшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба ихтисос ва соҳаи илм мувофиқ буда, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеорад.

Мубрамияти мавзӯи рисолаи илмӣ

Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳақиқат яке аз масъалаҳои мураккаби ҳуқуқи соҳибкорӣ ба шумор рафта, он ниёз ба таҳлилу такмили ҳамаҷониба дорад. Муаллиф мубрамияти мавзӯро дуруст арзёбӣ намуда, чунин зикр менамояд: “Таҷрибаи рушди кишварҳое, ки дар ислоҳоти бозории иқтисодиёт ва таъмини сатҳи баланди даромади аҳолӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, нишон медиҳад, ки соҳибкории хусусӣ на танҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ, балки

дар ташкили омилҳои устувор, тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ низ нақши рӯзафзун мебозад. Дар ҷаҳони муосир қисми зиёди соҳибкории хурдро соҳибкории оилавӣ ташкил медиҳад. Афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии ин самти соҳибкорӣ самаранокии баланди фаъолияти субъектҳои он ва дарозмуддати будани динамизми тараққиётро муайян менамоянд. Дар як қатор давлатҳои хориҷа ассотсиатсияҳои махсусе мавҷуданд, ки дар соҳаи ташкили соҳибкории оилавӣ тадқиқот мегузаронанд, манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунанд ва барои мубодилаи таҷриба дар фаъолияти соҳибкории оилавӣ майдонҳои мубоҳиса пешниҳод мекунанд" (с. 4).

Мавзӯи интихобшуда мураккаб, гуногунҷабҳа, диққатҷалбкунанда ва арзандаи тадқиқоти илмӣ буда, яке аз мавзӯҳои муҳими илмӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад ва мубрам будани он ягон шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

### Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Саҳми илмии довталаб дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар он ифода меёбад, ки мавзӯи мазкур нахустин бор мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ба ин масъала олимони ватанӣ хеле кам аҳамият медиҳанд. Дар рисола муаллиф мафҳум, субъект, объект, мазмун ва дигар ҷанбаҳои муҳими марбут ба соҳибкории оилавиро таҳлил ва баррасӣ намуда, диққати олимон ва кормандони амалияро ба ин масъала ҷалб намудааст ва натиҷаи хуби илмӣ ба даст овардааст.

### Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст

Дар рисола пешниҳодҳои мушаххас барои ҳимоя манзур шудааст. Миёни онҳо пешниҳодҳои зерин арзиши муҳими илмӣ доранд:

1. Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад.

3. Истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амалӣ гардида, шароити ҳуқуқии баҳри фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории хурд, миёна ва калон.

4. Субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

5. Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намояд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

6. Давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

7. Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқамананданд.

8. Механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ба соҳибкорони соҳаи саноат ва сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки аз дастгирии молиявии

давлатӣ бархурдор шаванд. Дар ин замина аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит барои пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи саноат ва сайёҳӣ тавассути маблағгузории имтиёзнок, махсусияти андозбандӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суст кардани назорати мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки субъектони соҳибкории оилавӣ некӯаҳволии худро беҳтар созад. Бешубҳа, соҳибкории оилавӣ дар мамлакати мо дар шароити муосир бояд аз ҷониби давлат ва доираҳои бузурги соҳибкорӣ бештар дастгирӣ карда шавад, барои рушди фаъолияти соҳибкории аъзои оила низ кӯмакҳои гуногун расонида шаванд.

Ҳамин тавр пешниҳодҳои мазкур илман асоснок буда, лоиқи дастгирӣ мебошад. Аммо дар борабари чунин муваффақият ба назари мо пешниҳодҳои имлии №2 ва № 9 баҳснок мебошанд, ки доир ба онҳо дар қисмати эродҳо зикр хоҳем кард.

## Сатҳи асоснокии пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола манзуршуда

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсия вобаста аст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд. Пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, таҳлили қонунгузорӣ, муқоисаи қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории дигар давлатҳо, таҳлили таҷрибаи судӣ, хусусан баррасии масъалаи соҳибкории оилавӣ сурат гирифтааст.

Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда аз таҳлили таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар Тоҷикистон буда, таҳлили мушкилотҳои қонунгузорӣ, мухолифати баъзе меъёрҳо, холигӣ дар таҳлили назариявии ҳуқуқи соҳибкорӣ ба вуҷуд омада, барои бартараф намудани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ равона шудааст.

Ҳангоми тадқиқот муаллиф аз усулҳои умуми-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода бурдааст.

**Сохтори рисола.** Рисолаи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии рисола 178 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи рисола, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Дар боби якум** "Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ" масъалаҳои табиати ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунандаи рушди соҳибкории оилавӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби мазкур муаллиф таърихи дар қонунгузории Тоҷикистон ворид шудани соҳибкории оилавиро таҳлил намуда, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои онро таҳлил намудааст. Номбурда таносуби соҳибкории оилавӣ ва дигар намуди соҳибкориро таҳлил намуда, холигиҳо ва мухолифатҳои қонунгузориро дар ин ҷода ошкор карда, ҷиҳати такмили он пешниҳодҳои асоснок манзур намудааст.

**Боби дуюм** - "Махсусияти танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои алоҳида" масъалаҳои ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқро фаро мегирад.

Муаллиф дар боби мазкур вазъи ҳуқуқии субъектони соҳибкории оилавӣ, татбиқи он дар соҳаҳои гуногун, хусусан дар соҳаҳои кишоварзию саёҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар ин ҷода таклифҳо бароиислоҳи холигиҳо ва такмили қонунҳои марбута пешниҳод намудааст.

Дар **хулоса** муаллиф аз рисола бо таври куллӣ натиҷагирӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои асосии худро дар он мураттаб намудааст.

**Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола автореферат тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни хам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба шакл ва мазмуни рисола:**

1. Дар навгонии №2 рисола чунин оварда шудааст: "Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқу қӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди аққал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила

тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд".

Дар ин ҷо муаллиф аломати фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкориро ҳадди аққал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила арзёбӣ кардааст. Чунин меъёр дар асоси кадом санад ё далел оварда шудааст?

2. Дар навгонии №9 муаллиф чунин пешниҳод кардааст: "Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилаҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд".

Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Тоҷикистон ё дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ё ҳамчун соҳибкори инфиродӣ амал мекунанд. Муаллиф бо таври умумӣ ин масъаларо баррасӣ кардааст. Хуб мешуд, ки муаллиф доир ба шакли он мавқеашро муайян мекард.

3. Дар саҳифаи 62 рисола муаллиф зикр менамояд, ки аъзоёни оила "вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд". Масъалаи "ташкилоти оилавиро" муаллиф якчанд маротиба дар рисола ёдовар мешавад. Доир ба ҳамин масъала хуб мешавад, ки муаллиф мавқеашро равшантар баён намояд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

## Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Мазмун ва моҳияти рисолаи Рофиева Азиза Ҳамдамовна доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима шуд. Дар семинар 15 нафар иштирок намуданд: тарафдор -15, зид - нест, бетараф– нест. Протоколи семинари назариявӣ аз 26.05.2023, № 11.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводҳои корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмӯъ, рисолаи Рофиева Азиза Ҳамдамовна доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва

зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Умрилло Асадуллоевич Меликов (ихтисос: 12.00.03), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҳ. Мирсайзод омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикорруписонӣ 26 майи соли 2023 (протоколи №10) муҳокима ва дар ҷаласаи кафедра аз 26 майи соли 2023 (протоколи №11) ҷонибдорӣ карда шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Алиев Ф.Ш.

Ташхисгар, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Меликов У.А.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи
тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Мирсайзод Ҳ.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявии
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
и.в. дотсент — Ҷабборов Ф.Н.

«Имзои Ф.Ш. Алиев, У.А. Меликов, Ҳ. Мирсайзод
ва Ф.Н. Ҷабборовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Пирзода С.С.
26.05.23.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½
Тел: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru www.tguk.tj